# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Таваҷҷуҳи хосса ба таҳлилу таҳқиқи осори бузургтарин намояндагони илму адаби халқи тоҷик муҳтавои диссертатсияи мазкурро аз вазифаҳои муҳимтарини илми забоншиносӣ мегардонад. Таъкид менамоем, ки вожаву истилоҳоти ахлоқӣ марҳилаҳои гуногуни таҳаввулро тай намуда, имрӯз ба як низоми мувофиқ шомил шудаанд ва бешубҳа дорои аҳаммияти хосси луғавию вожашиносӣ мебошанд.

Дар такя ба гуфтаҳои боло, бояд зикр намуд, ки унвонҷӯй Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ сараввал унвони диссертатсияро асоснок намуда, шарҳ медиҳад, ки дар осори баррасишаванда воҳидҳое мавҷуданд, ки характери истилоҳӣ надоранд, вале аз ҷиҳати луғавӣ ба гурӯҳи калимаҳои ахлоқӣ шомил буда, як қисмати пурбори онро ташкил медиҳанд.

Навгонии кори диссертатсионӣ дар он аст, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик масъалаи вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба миён гузошта шуда, таҳлилу таснифи ин гурӯҳи вожаҳо баррасӣ гардидааст. Ҳамзамон, барои аввал муқоисаи мафҳумии истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо истилоҳоти рисолаи «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино ба роҳ монда шудааст.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддимаи диссертатсия тибқи талабот шакл гирифта, дар ҳар бахш матолиби лозим аз рӯйи меъёрҳои мавҷуда дарҷ шудаанд. Масалан, бахши «Нуктаҳои асосии ба

ҳимоя пешниҳодшаванда» дар 8 номгӯ ба масоилу мабоҳиси марбут ба мавзуи диссертатсия мебошанд.

Боби аввали диссертатсия «Аз таърихи пайдоиш ва ташаккули вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар забоншиносии тоҷик» ном дошта, баррасии маъхазҳои асосии мавзуи таҳқиқро фаро мегирад. Муаллиф дар ин боб таърихи беш аз дуҳазорсолаи вожаву истилоҳоти ахлоқӣ ва мавҷудияти онҳоро дар бисёре аз ёдгориҳои хаттии форсии қадим, миёна ва классикӣ баён намудааст.

Кӯшиши унвонҷӯй ҳангоми таҳлилу таҳқиқи вожаву истилоҳоти ахлоқии осори классикии форсӣ-тоҷикӣ, аз қабили осори Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саноиву Ҷомӣ, Саъдии Шерозиву Насируддини Тӯсӣ ва муқоисаи онҳо бо вожаву истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ муҳтавои диссертатсияро ғаниву пурмаҳсул гардонидааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Тасниф ва таҳлили забоншиносии вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ» моҳияти сарфиву луғавии вожаву истилоҳоти ахлоқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф қайд намудааст, ки вожаҳои ахлоқӣ бо тамоми усулҳои маъмули забони тоҷикӣ сохта шуда, сермаҳсултарини онҳо усули сарфӣ ва наҳвию сарфӣ мебошанд.

Аз муҳтавои ин боб бар меояд, ки унвонҷӯй ба масъалаи луғавии вожаву истилоҳоти ахлоқӣ таваҷҷуҳи вижа намуда, онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст, аз қабили вожаҳои ахлоқӣ-фалсафӣ, ахлоқӣ-равоншиносӣ, ахлоқӣ-динӣ ва ғайра. Ин таҳлили унвонҷӯй бо мисолҳои зиёд асоснок карда шудааст.

Фасли охири ин боб дар доираи иқтибосоти арабии вожа ва истилоҳоти ахлоқӣ баҳс менамояд, ки диссертант бо маҳорати баланд вожаҳои иқтибосиро тасниф намуда, баромад ва решаи онҳоро муайян намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Муқоисаи истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо истилоҳоти рисолаи «Андар ахлоқ»-и Ибни

Сино» ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли нахустини ин боб хусусиятҳои хоси истилоҳоти ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва Ибни Сино матраҳ гардида, дар фасли дуюм истилоҳоти мазкур мавриди муқоиса қарор гирифтаанд. Бояд зикр намуд, ки довталаби дараҷаи илмӣ ҳангоми муқоисаи истилоҳот, асосан, фарқ ва шабоҳати мафҳуми истилоҳотиро ба назар гирифта, пас аз овардани мисолҳо аз осори мутафаккирон хулосаҳои худро низ баён намудааст.

Фасли сеюми боби охир таҳлили басомади вожаҳои ахлоқиро фаро гирифтааст, ки унвонҷӯй дар доираи осори мавриди таҳқиқ таҳлили оморӣ анҷом дода, миқдори вожаҳои ахлоқӣ ва таносуби калимаҳои тоҷикӣ ва арабии онро муайян намудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар 12 банд оварда шуда, ҳамчунин, дар тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ унвонҷӯй таҳияи луғатномаи вожаву истилоҳоти ахлоқиро тавсия менамояд, ки бешубҳа дар ташаккули афкори забоншиносӣ саҳми арзанда хоҳад гузошт.

Натиҷаҳои илмии бадастомада бидуни шак кори диссертатсиониро таҳқиқи мустақил ва анҷомёфта арзёбӣ менамояд. Сохтори кор мунтазам буда, ба ҳалли масъалаҳои таҳқиқотие, ки унвонҷӯй ба миён гузоштааст мувофиқат менамояд. Аммо барои такмили баъзе нукоти кори таҳқиқӣ ба инобат гирифтани пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор мебошад:

1. Унвонҷӯ метавонист барои пурра намудани кори диссертатсионии худ ба осори муаллифони муосир (аз ҷумла муаллифони замони истиқлолият) таваҷҷуҳ намуда, муқоисаро бо осори ин давра низ анҷом диҳад, зеро ки ин гуна таҳқиқ метавонад инкишофи вожаҳои ахлоқиро то замони муосир муайян намояд.

2. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат (8, 20, 36) нуктаҳои таҳрирталаб ҷой доранд.

Албатта, ин гуна эродҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқиро таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забоншиносии
филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Хасанова Тахмина Гаюровна

«26» марти соли 2024

Суроға: 735100, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Бухоро, хонаи 34, блоки Г, ҳуҷраи 7.
Тел.: (+992) 935-10-11-16
E-mail: azamat9996@mail.ru

Имзои Хасанова Тахмина Гаюровнаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрҳо ва корҳои махсуси филиали ДДМ ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Пирназаров С.М.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1.
Телефон: (+992-37) 221-99-14
E-mail: msu.tj

«26» марти соли 2024.